ТОҶИКӢ
طاجيكي

# КӮДАКИ МУСАЛМОН

матне аст ки шомили пояҳои ислом ва ахлоқ
барой кӯдаки мусалмон мебошад.

Омода сози тавассути маҷмӯъае аз доктрҳой ҷазоири таёр карда шудаст, бо ҳамкори сомонай "бози мекунам ва мехонам.

alsarhaan.com

mahadsunnah.com

بسم الله الرحمن الرحيم

# ҚИСМАТИ ЯКУМ

# 1

# ИМОНИ МАН

## ман мусалмон мебошам.

**АЛЛОҲ ТАОЛО ПАРВАРДИГОРАМ МЕБОШАД**
**ВА МУҲАММАД СОЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ПАЁМБАРАМ МЕБОШАД**
**ВА ИСЛОМ ДИНИМ МЕБОШАД**

**Ман Аллоҳи бузургам ро дӯст медорам.**

Чаро ки ӯ парвардигори ҷаҳониён, ва бисёр меҳрабон ва подшоҳи рӯзи ҷазо (рӯзи қиёмат ) аст

Ва ӯ манро офарида ва манро мусалмон қарор додааст.



### Аллоҳи меҳрубон мефармояд:

Ба номи Аллоҳи бахшанда ва меҳрубон. 1 Ҳамду ситойш махсус ба Аллоҳ аст ки ӯ парвардигори ҷаҳониён аст 2 Бахшандай меҳрабон аст Соҳиби рӯзи ҷазо (рӯзи қиёмат ) аст 3 Танҳо ӯ ро мепарастем ва танҳо аз ӯ ёри меҷӯем 4 Моро ба роҳи рост ҳидоят кун 5 Роҳи касоне ки бар онон неъмат доди, на хашм 6 гирифтагон ва на гумроҳон 7

(Сурай:Фотеҳа)

**Ва Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам пайғамбарм мебошад.**

Ва паёмбар Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам ро дӯст дорам.

Чун ки Аллоҳ таъоло ӯ ро барой мо фиристодааст.
ва ӯ Аллоҳ таоло ро ба мо шиносой додааст, ва Қуръони карим ро ба мо таълим додааст

Ва чун паёмбар Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам бисёр дилсӯз ва меҳрабон аст, ва ахлоқи бисёр бузурге ро доро аст, ва сифатҳояш бисёр зебо аст

Аллоҳи меҳрубон мефармояд:

Ва ту яқинан дорой ахлоқ ва рафтори бисёр бузург ва воло ҳасти.

(Сурай: Ал қалам ояти 4)

**Аллоҳ таоло мефармояд:**

Яқинан паёмбаре аз худатон ба сӯятон омад ва ранҷҳой шумо бар души ӯ душвор аст, ва бар ҳидояти шумо сахт исрор дорад ва нисбати мӯъминон дилсӯз ва меҳрабон аст

.(Сурай: Тавба ояти128)

Аллоҳи мехрабон мефармояд

Эй Паёмбар ба рости ки мо ба ту ҳавзи кавсар ро ато кардем 1 Пас барой Парвардигорат намоз бихон ва қурбони бикун 2 Бидуни шак душмани ту, бе насл ва бе ақаб аст 3

(Сурай Кавсар)

**Ва дини Исломам ро дӯст дорам.**

**Чун дини барҳақ аст, ва Аллоҳи меҳрабон онро барой мо писандидааст, ва паёмбарамон Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам онро ба мо овардааст**

**Ва ҳаркасе ба он чанг занад дохили̅ биҳишт мешавад, ва касоне ки аз он руӣ гардонанд вориди дӯзах мешаванд.**

Аллоҳи меҳрубон мефармояд:

Савганд ба аср 1 Ки инсон дар зиён аст 2 Магар он касоне ки имон овардаанд ва корҳои шойста ва нек анҷом медиҳанд ва якдигар ро ба ҳақ даъват медиҳанд ва якдигар ро ба сабр тавсия медиҳанд 3

(Сурай Ъаср)

## ИМОН ДОРОЙ ШАШ СУТУН МЕБОШАД

6

1. Имон овардан ба Аллоҳ таоло
2. Имон овардан ба фариштагон
3. Имон овардан ба китобҳой осмонӣ
4. Имон овардан ба паёмбарон
5. Имон овардан ба рӯзи қиёмат
6. Имон овардан ба қазо ва қадари илоҳи



## ВА ИСЛОМ ПАНҶ ПОЯ ДОРАД

5

1. .Гувоҳи додан ба инки ҳеч маъбуд ва парасторе бар ҳақ нест магар Аллоҳ таоло, ва Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристодай Аллоҳ таоло мебошад
2. Хондани намоз
3. Пардохтани закоти мол
4. Руза доштани моҳи рамазон
5. Адой ҳаҷи хонай Аллоҳ



**Ва ҳамай чизҳое ки Аллоҳ таъоло ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам дӯст доранд, дӯст дорам**

**Ва нописанд медонам ҳар ночизе ки Аллоҳ таъоло ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро нописанд бидонанд**



# ҚИСМАТИ ДУВУМ

# 2

## НАМОЗИ МАН



**Аллоҳи меҳрубон моро барой парастишаш офаридааст, ва ӯ якто аст, ва ҳеч шарике надорад, пас ба ҷуз ӯ касеро намепарастем, ва танҳо аз ӯ қабули дуъоро металабем, ва ӯ пок ва муназзаҳ ва баланд мартаба мебошад**

## НАМОЗ: БУЗУРГТАРИН ИБОДАТ МЕБОШАД



# 5 НАМОЗҲОЙ ФАРЗИ ПАНҶГОНА ИБОРАТАНД АЗ:

| | | |
|---|---|---|
| 2 | СУБҲ | ду ракъат мехонам |
| 4 | ПЕШИН | чаҳор ракъат мехонам |
| 4 | АСР | чаҳор ракъат мехонам |
| 3 | ШОМ | се ракъат мехонам |
| 4 | ХУФТАН | чаҳор ракъат мехонам |



Ва ба хондани намозҳо дар вақташ муҳофизат мекунам, ва онро бо ҳузури дил баҷо меорам.



Ва пеш аз адой намоз таҳорат мекунам, ва ҳаргиз бе таҳорат намоз намехонам.



# ҚИСМАТИ САВМ

# 3

# АХЛОҚИ МАН

**Аллоҳ таоло хушрафтори ро дӯст медорад, ва бадрафтори ро намеписандад.**
Ва Муҳаммад соллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст то рафторҳой хуб ро зебо ва комил гардонад.

**Пас ман бояд ахлоқи хуб дошта бошам:**

Ростгӯй, вафо дори, ва амонт дори, ва шаҷоъату далери, ва караму бахшандагӣ, ва хуш сухани, ва эҳтироми устодон, ва бузург дошти бузургон

**Ва аз рафторҳой бад дури мекунам:**

Монанди: дурӯғ, хиёнат, бахили, суханони нописанду носазоигуфтан, ва бе эҳтироми

**Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:**

қатъан хуш ахлоқтарини шумо дар дунё, наздиктарини шумо аз назари ҷойгоҳ дар қиёмат ба ман аст

# ПОЁН

ба ҳамин хотир дар талаби илм ва дониш тамоми талошам ро карда дар фарогирияш ҳамай тавонам ро ба кор мегирам, то парвардигтрам аз ман хушнуд гардад, ва манро вориди биҳишт кунад.

**ЗИКР БАРОЙ МУСАЛМОН ҚАЛЪА АСТ**

Пас бар зикрҳой субҳгоҳ ва шомгоҳ муҳофизат мекунам, ва аз ҷумлай он: хондани оятул курси, ва Сурай ихлос ва Сурай флақ ва Сурай нос аст.

ВА ДУЪО КАЛИДИ ҲАМА ПЕШРАВИҲО ВА МУВАФАҚИЯТҲО ВА РОСТ КОРИ МЕБОШАД.

Ба ҳамин хотир Аллоҳ таолоро да ҳамай вақтҳо: дар саҷда, ва пас азон, ва дар шаб, бисёр ба дуъо мехонам.

**ВА АЗ ҶУМЛАЙ ДУЪОҲО:**

Илоҳо маро ҳидоят кун ва маро ба роҳи рост ва дуруст қарор бидеҳ.

Эй Аллоҳ илмӣ маро зиёда бигардон.

Илоҳо манро ва падару модарам ро бибахшед ва ба ҳардуяшон раҳм кун.

Илоҳо моро дар дунё неки ва дар қиёмат неки бидеҳ, ва маро аз аҳзоби дӯзах раҳо ва наҷот бидеҳ.

Бо фазлу марҳамати Аллоҳ ба поён расид.

китоби "мусалмони кучак" китобе аст бо забони тоҷикӣ, ки тавассути сомонай "бози мекунам ва мехонам" бо сарпарасти шайх доктор ҳайсами сарҳон таҳия ва омода карда шудааст, ва ин матн шомили пояҳои имон ва ислом ва ахлоқ барой кӯдакони мусалмон аст ки дар либоси бисёр зебо ва дилчасп оварда шудааст ки сабаби саргарми ва ташвиқ нисбат ба китобҳо мегардад.